**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2022.**

Дар солҳои охир дар Тоҷикистон ва ҷаҳон вазъи мураккаби криминогенӣ ба вуҷуд омадааст. Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир нишон дод, ки он тамоюли пасту баландшавӣ дошта, дар умум 111 187 ҷиноят (2016-21 756, 2017-22 018, 2018-21 957, 2019-21 996, 2020-23 460) ба қайд гирифта шуда, кушодашавии онҳо бошад, беҳтар гардидааст.

Дар баробари ин, паҳншавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, содир намудани терроризм, ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ва дигар шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ ба чашм мерасад. Имрӯз ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ҷиноятҳои фаромиллӣ хавфи махсусро зоҳир менамоянд. Ҳазорҳо нафар ҷабрдидагони ин гуна ҷиноягҳо мегарданд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 26 январи соли 2021 чунин таъкид намуданд: «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем».

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷиноятӣ мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии он, такмил додани амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо зарур мебошад.

Барои ҳамин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ он вақт дуруст ҳисобида мешавад, ки агар аломатҳои таркиби ҷиноятe, ки дар моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳои кирдори воқеие, ки шахс содир кардааст, пурра мувофиқ оянд. Чунин таҳлиле, ки аз муқоиса кардани аломатҳои таркиби ҷиноят бо аломатҳои кирдори содиршуда бармеояд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун “бандубасти ҷиноят” арзёбӣ мегардад.

Новобаста ба ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Хоҷазода Фуркат Файзалӣ ба паҳлӯҳои норавшани масъалаҳои мавзуи болозикр равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ намебошад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем.

Дар б. 1 пешниҳодҳои хусусияти амалӣ муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ дар бораи ёрдамчӣ эътироф намудани ашхоси зерин, аз ҷумла шахсе, ки қаблан қонунигардонии молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастовардаро ваъда медиҳад, илова карда шавад. Ба андешаи мо чунин зарурат ҷой надорад. Зеро мутобиқи таҳрири қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ чунин кирдор бе даровардани тағйироти пешниҳодшуда низ ёрдамчӣ эътироф шудани шахсро дар бар мегирад. Аз ин рӯ мехоҳем андешаи муаллифро роҷеъ ба ин масъала зимни дифоъ бифаҳмем (саҳ 27).

Дар автореферат масъалаи мавриди назар пурра шарҳ дода нашудааст. Хубтар мебуд агар диссертант оид бамасъалаи мазкур пурра маълумот пешкаш менамуд. Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Шараф Каримзода**

**Имзои Каримзода Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РККМ**
**Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**____________ Ҳамдамзода С.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 25**
**Телефон: (+992 37) 221-44-05; (+992 37) 221-43-51**
**Факс: (+992 37) 221-16-22**
**E-mail: info@adliya.tj; info@minjust.tj**

**«21» феврали соли 2023**